# ТАҚРИЗИ МУҚАРРИЗИ РАСМӢ

**ба диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи “Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон. – Душанбе, 2026. - 168 с.**

Диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон дар мавзуи “**Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои “Дар орзуи падар”-и Кароматулло Мирзо)”** ба шиносномаи ихтисоси илмии 6.2.2. Назарияи забон мутобиқат мекунад.

Диссертатсияи Бустонзода Тахмина Бустон ба таҳқиқи масъалаҳои марбут ба маъно ва навъҳои он дар забоншиносии муосир яке аз самтҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ ба шумор меравад. Дар забоншиносии муосир маъно, асосан, дар доираи самтҳои гуногуни илмҳое ҳамчун фалсафа, мантиқ, семиотика ё нишонашиносӣ, забоншиносӣ, аз қабили, маъношиносии лингвистӣ, забоншиносии шинохтӣ (когнитивӣ), фарҳангӣ, қавмӣ баррасӣ мегардад. Вале дар таҳқиқи мазкур таваҷҷуҳи асосӣ ба пажуҳиши хусусияти маънои коннотативӣ яке аз маъноҳои прагматикӣ ҳамчун навъи маънои луғавӣ дар низоми маъношиносии луғавӣ дар доираи парадигмаи маъношиносии лингвистӣ равона гардидааст.

Дар даҳсолаҳои охир, бо рушди равияҳои нави забоншиносӣ, аз ҷумла, маъношиносии лингвистӣ, прагмалингвистика, забоншиносии шинохтӣ ва фарҳангшиносии забон, таваҷҷуҳ ба омӯзиши маъноҳои иловагӣ ва тобишҳои маъноии воҳидҳои забонӣ афзудааст. Дар ин замина, омӯзиши маънои коннотативӣ, ки муносибати иҷтимоӣ, фарҳангӣ, эҳсосӣ ва баҳодиҳии соҳибзабонро нисбат ба ашё ва падидаҳои воқеият инъикос менамояд, аҳаммияти хоссаи илмӣ касб мекунад.

Мавзуи интихобшуда мубрам буда, ба талаботи рушди имрӯзаи забоншиносии тоҷик ҷавобгӯ мебошад.

**Ҳадафи асосии таҳқиқ** омӯзиши ҳамаҷонибаи хусусиятҳои назариявӣ ва амалии маънои коннотативӣ дар забони тоҷикӣ мебошад. Барои расидан

ба ин ҳадаф як қатор вазифаҳои мушаххаси илмӣ муайян гардидаанд, ки ба таври мантиқӣ ва пайдарпай тамоми ҷанбаҳои масъалаи таҳқиқшавандаро фаро мегиранд. Аз ҷумла, муайян намудани хусусиятҳои маънои луғавӣ, омӯзиши маънои прагматикӣ, таҳқиқи ҷойгоҳи маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ, баррасии робитаи он бо маъноҳои услубӣ, эҳсосӣ ва баҳодиҳӣ, инчунин, таҳлили ифодаи он дар сатҳҳои гуногуни забон аз ҷумлаи вазифаҳои муҳимми таҳқиқ мебошанд.

**Зарурати таҳқиқ** аз он бармеояд, ки то имрӯз дар забоншиносии тоҷик масъалаи маънои коннотативӣ ҳамчун объекти мустақили таҳқиқ ба таври ҳамаҷониба мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст.

**Мақсади таҳқиқот** баррасӣ ва таҳқиқи назарияви ву амалии маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ дар доираи асари мушаххаси бадеӣ дар забони тоҷикӣ мебошад.

**Объекти таҳқикро** маънои коннотативии воҳидҳои забон дар низоми маъношиносӣ ташкил медиҳад.

Инчунин, қайд кардан зарур аст, ки ба асоси методологии диссертатсия таҳқиқоти бунёдии олимон ва забоншиносони шинохта ба монанди М.Н. Қосимова, Д. Искандарова, З. Мухторов, С. Ҳалимов, У. Саъдуллоев, З. Мирзоева, Ҳ. Дӯстзода, Г. Сафарова, М. Назаров, С.Азимова, Х. Бахромова ва муҳаққиқони аврупоӣ ва рус ба мисли Ҷ. Лакофф, Н.Ф. Алиференко, Е.С. Кубрякова, Н.Д. Артюнова, И.А. Стернин, В.Н. Телия, М.В. Пименова, В.А. Маслова хизмат намудаанд, ки хулосаҳои назариявӣ ва амалии корро тақвият медиҳанд.

**Навгонии илмии диссертатсияро** корбурди вижагиҳои умумӣ ва хос дар дарки маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносии тоҷик ташкил намуда, ҷойгоҳи он дар байни маъноҳои дигари прагматикӣ ва ифодаи маънои коннотативӣ дар бахшу қисматҳои забон нишон дода шудаанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқикро** хулосаю натиҷаҳои муътамади илман асоснок ташкил карда, бар асоси нуктаҳои мушаххаси методологӣ, маводди гуногунҷанбаи таҳлилӣ дар мувофиқат бо сохтор,

мақсаду вазифаи таҳқиқ ва объекту предмет ба роҳ монда шудааст.

Дар муқаддимаи диссертатсия мубрамияти мавзуъ бо далелҳои илмӣ асоснок гардида, дараҷаи омӯзиши масъала дар забоншиносии тоҷик ва хориҷӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки масъалаи маъно ва хусусиятҳои он аз замони файласуфони Юнони қадим то имрӯз дар маркази таваҷҷуҳи донишмандон қарор доштааст. Ҳамзамон, саҳми олимони тоҷик ва хориҷӣ дар рушди назарияи маъношиносӣ ва омӯзиши навъҳои гуногуни маъно нишон дода шудааст.

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ ва рӯйхати адабиёт иборат мебошад.

Боби якум **«Хусусият ва хелҳои маъно дар маъношиносӣ»** ном дошта, аз се фасл иборат мебошанд. Дар боби якуми диссертатсия асосҳои назариявии маъношиносии лингвистӣ ба таври муфассал таҳлил гардида, хусусият ва навъҳои маънои луғавӣ, маънои прагматикӣ ва ҷойгоҳи маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ баррасӣ шудаанд. Дар фасли аввал муаллиф бо такя ба осори забоншиносони тоҷик ва хориҷӣ моҳият, сохтор ва навъҳои маънои луғавиро шарҳ дода, робитаи маъно бо мафҳум, денотат ва сигнификатро равшан намудааст. Таҳлили вожаи **«часпидан»** нишон медиҳад, ки вобаста ба вазъияти нутқ як воҳиди луғавӣ метавонад маъноҳои гуногунро ифода намояд. Масалан, дар ҷумлаҳои **«ба модар сахт часпид»** ва **«Мижгон ба доманаш часпида буд»** маънои меҳру муҳаббат ва эҳтиёҷ ба дастгирӣ ифода гардида бошад, дар ҷумлаи **«Ба вай часпидӣ?»** ҳамин вожа маънои ҷанҷол ва дарафтоданро касб кардааст. Ин таҳлил сермаъноӣ ва имкониятҳои маъноии калимаро ба таври возеҳ нишон медиҳад.

Дар фасли дуюм масъалаҳои назариявии маънои корбурдӣ (прагматикӣ) мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки маънои прагматикӣ танҳо дар ҷараёни корбурди забон ва вобаста ба вазъияти гуфтор зоҳир мешавад. Масалан, дар ҷумлаҳои **«дигар ин ҷо наист»** ва **«аз ин ҷо ба он ҷо намемонӣ»** воҳидҳои **«ин ҷо»** ва **«он ҷо»** ғайр аз маънои маконӣ, муносибати шахсӣ ва ҳадафи коммуникативии гӯяндаро

низ ифода менамоянд. Ин таҳлил нақши омилҳои иҷтимоӣ ва коммуникативиро дар ташаккули маънои прагматикӣ собит месозад.

Дар фасли сеюм ҷойгоҳи маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносии корбурдӣ муайян гардидааст. Муаллиф исбот менамояд, ки коннотатсия муносибати эҳсосӣ, услубӣ ва баҳодиҳии гӯяндаро нисбат ба воқеият инъикос мекунад. Аз ҷумла, таҳлили вожаи **«мор»** ҷолиби таваҷҷуҳ аст: дар ибораҳои **«заҳри мор»** ва **«мори таги пудина»** ин вожа маънои манфӣ (ҳиллагар, зараррасон)-ро ифода мекунад, аммо дар ибораи **«гӯё аз даҳони мор кашида шуда бошад»** баръакс, сифати зебоӣ, навӣ ва нафосати ашёро мерасонад. Ин мисолҳо собит мекунанд, ки маънои коннотативӣ вобаста ба матн ва вазъияти нутқ тағйир меёбад.

Дар маҷмуъ, боби якум аз ҷиҳати назариявӣ асоснок буда, бо такя ба андешаҳои олимони маъруфи тоҷик ва хориҷӣ ва таҳлили мисолҳои забонӣ моҳияти маъноҳои луғавӣ, прагматикӣ ва коннотативиро равшан сохтааст.

Боби дуюм **«Таъсирпазирии маъноҳои корбурдӣ-прагматикӣ»** ном дошта, фарогири се фасл мебошад. Дар фасли якум масъалаи муносибати маънои коннотативӣ ва маънои услубӣ баррасӣ шудааст. Муаллиф бо такя ба андешаҳои забоншиносони ватанӣ ва хориҷӣ нишон медиҳад, ки маънои услубӣ яке аз воситаҳои муҳими ифодаи маънои коннотативӣ мебошад. Таҳлили мисолҳо, аз ҷумла **«алови ҷанг»**, **«оташи ҷанг»**, **«оташ гирифта буд»**, собит менамояд, ки вожаҳои *алов* ва *оташ* дар матн аз маънои луғавии худ берун рафта, маъноҳои маҷозӣ, аз қабили низоъ, ноороми ва ранҷи инсонро ифода мекунанд. Ин таҳлил саҳми маънои услубиро дар ташаккули коннотатсия равшан месозад.

Дар фасли дуюм робитаи маънои коннотативӣ бо маънои эҳсосӣ таҳқиқ гардидааст. Муаллиф собит мекунад, ки маъноҳои эҳсосӣ ва коннотативӣ якдигарро пурра намуда, муносибати равонии шахсро нисбат ба воқеият инъикос мекунанд. Масалан, ибораҳои **«рӯзатро сиёҳ кард»**, **«дилатонро сиёҳ мекунам»** ва **«бахту саодати нав»** вобаста ба вазъияти нутқ эҳсосоти манфӣ ё мусбатро ифода намуда, таъсирнокии матнро меафзоянд.

Дар фасли сеюм муносибати маънои коннотативӣ бо маънои баҳодиҳӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Муаллиф нишон медиҳад, ки баҳодиҳӣ ҷузъи муҳими маънои коннотативӣ буда, муносибати мусбат ё манфии гӯяндаро нисбат ба ашё ва воқеа инъикос менамояд. Барои намуна, дар ҷумлаи **«чеҳрааш шукуфон»** баҳодиҳии мусбат ва дар ибораи **«зиндагиашон талх, рӯзашон сиёҳ мешавад»** баҳодиҳии манфӣ таҷассум ёфтааст. Инчунин, дар мисоли **«телефони сиёҳ занг зад»** калимаи *сиёҳ* ғайр аз ифодаи ранг, хусусияти ҷиддӣ ва ташвишовари вазъиятро низ мерасонад.

Дар маҷмуъ, фаслҳои боби дуюм аз ҷиҳати назариявӣ ва таҳлилӣ мукаммал буда, бо мисолҳои фаровони матнӣ собит менамоянд, ки маъноҳои коннотативӣ, услубӣ, эҳсосӣ ва баҳодиҳӣ дар ҳамбастагӣ амал намуда, имкониятҳои маъноии забони тоҷикӣ ва воситаҳои таъсирбахши нутқи бадеиро густариш медиҳанд.

Боби сеюм **«Ифодаи маънои коннотативӣ дар бахшҳои маъношиносии лингвистӣ»** ном дошта, дар чор фасл таҳлилу баррасӣ шудааст. Муаллиф дар асоси маводди асари «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо имкониятҳои гуногуни зуҳури коннотатсияро бо мисолҳо нишон додааст.

Дар фасли якум вижагиҳои коннотатсия дар фоносемантика баррасӣ гардидаанд. Муаллиф нишон медиҳад, ки овозҳо низ метавонанд тобиши эҳсосӣ ва баҳодиҳиро ифода намоянд. Масалан, дар ҷумлаи **«Дил дар сина чун гунҷишкаки ба чел афтода, метападу метапад»** вожаҳои **«гунҷишк»** ва **«метапад»** бо роҳи овозофаринӣ ҳолати тарс, изтироб ва нотавонии қаҳрамонро таъсирбахш тасвир мекунанд, ки диссертант онро хеле муфассал шарҳ додааст. Ҳамчунин, дар ҷумлаи **«чирчиракҳо чир-чир доштанд»** такрори овозҳо маънои тасвирӣ ва коннотативиро пурзӯр намудааст.

Дар фасли дуюм ифодаи маънои коннотативӣ дар сатҳи калима таҳқиқ шудааст. Муаллиф собит месозад, ки маънои коннотативии калима вобаста ба матн, фарҳанг ва вазъияти нутқ тағйир меёбад. Масалан, вожаи **«осмон»** дар ибораи **«аз замин то осмон миннатдор буд»** маънои беандоза ва

бузургиро, дар ҷумлаи **«ба осмон баровардааст»** маънои муболиға ва ситоиши аз ҳад зиёдро ифода мекунад. Инчунин, калимаи **«оташ»** дар ибораҳои **«хонаамон оташ мегирад»** ва **«оташ гирифта дили волидайнро ба ҳарос меоварد»** аз маънои аслӣ гузашта, мутаносибан вазъияти ногувор ва ҳаяҷони эҳсосиро таҷассум намудааст.

Дар фасли сеюм имкониятҳои морфосемантикӣ дар ифодаи маънои коннотативӣ баррасӣ гардидаанд. Таҳлил нишон медиҳад, ки морфемаҳои пешвандӣ ва пасвандӣ низ метавонанд тобиши нави маъноиро ба вуҷуд оваранд. Масалан, дар калимаи **«номусулмон»** пешванди **«но-»** на танҳо маънои инкор, балки муносибати манфӣ ва баҳодиҳии ахлоқиро нисбат ба шахс ифода кардааст.

Дар фасли чорум нақши матн дар ташаккул ва дарки маънои коннотативӣ таҳлил шудааст. Муаллиф исбот менамояд, ки маънои коннотативӣ танҳо дар заминаи матн ва вазъияти коммуникативӣ пурра дарк мегардад. Масалан, дар ҷумлаҳои **«Ғами худатро не, ғами бачаҳоятро хӯр»**, **«ҳолашро худаш медонисту Худо»** ва **«падар худашро ба бемори андохт»** вожаҳо ва ибораҳо ба воситаи матн маъноҳои эҳсосӣ, баҳодиҳӣ ва фарҳангиро касб намуда, таъсири баланди бадеӣ эҷод мекунанд.

Хуллас, боби мазкур низ аз ҷиҳати назариявӣ ва амалӣ арзиши баланд дошта, бо таҳлили дақиқи маводи забонӣ собит месозад, ки маънои коннотативӣ дар тамоми сатҳҳои низоми забон фаъол буда, дар ташаккули маъно, ифодаи муносибати гӯянда ва афзун намудани таъсирнокии матн нақши муҳим мебозад.

Муаллиф дар асоси маводи асари «Дар орзуи падар»-и Кароматулло Мирзо имкониятҳои гуногуни зуҳури коннотатсияро нишон медиҳад. Хусусан, таҳлили сатҳи калима ва матн аз ҷиҳати муайян намудани хусусиятҳои маъноии воҳидҳои забонӣ ҷолиби таваҷҷуҳ мебошанд.

Хулоса аз 11 банд иборат буда, натиҷаҳои асосии таҳқиқотро ҷамъбаст менамояд. Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқ дар 6 банд оварда шуда, дар ҳолати ба инобат гирифтану мавриди татбиқ қарор

додани онҳо назарияву амалияи семантика, маъношиносии лингвистии соҳаи забоншиносии тоҷик метавонад боз ҳам тавсеа ёбад.

Дар он масъалаҳои назариявӣ ва амалии маъношиносии лингвистӣ, ҷойгоҳ ва хусусиятҳои маънои коннотативӣ дар низоми маъноии забон, инчунин, нақши он дар сатҳҳои гуногуни забон мавриди ҷамъбаст қарор гирифтаанд. Натиҷаҳои таҳқиқ аҳаммияти илмӣ ва амалии мавзуъро тасдиқ намуда, метавонанд дар таҳқиқоти минбаъдаи маъношиносӣ, таҳлили матнҳои бадеӣ ва раванди таълими фанҳои забоншиносӣ истифода шаванд.

Бо вуҷуди дастовардҳои назаррас, дар диссертатсия ва автореферат баъзе масъалаҳои баҳсталаб низ ба назар мерасанд:

1. Дар баъзе мавридҳо мафҳумҳои «маъно», «семантика» ва «маъношиносӣ» ба таври ҳаммаъно истифода шудаанд. Барои пешгирии норавшанӣ фарқгузории илмии ин истилоҳот зарур аст;

2. Қисмати назариявӣ бештар ба овардани иқтибосҳои мустақим такя мекунад. Мавқеи шахсии муаллиф ва натиҷагириҳои таҳлилӣ нисбат ба назарияҳои овардашуда бояд равшантар ифода гарданд;

3. Номбар намудани муҳаққиқони хориҷӣ анҷом ёфтааст, вале саҳми ҳар яки онҳо дар рушди назарияи маъношиносӣ мухтасар шарҳ дода нашудааст. Агар нуқтаи назари асосии ҳар муҳаққиқ зикр гардад, арзиши илмии фасл бештар хоҳад шуд.

4. Дар анҷоми ҳар се боб хулосаи ҷамъбастӣ вуҷуд надорад. Барои нишон додани натиҷаҳои асосии баррасӣ ва робитаи онҳо бо мавзуи умумии диссертатсия пешниҳоди хулосаи мушаххас зарур мешуморем;

5. Хатогиҳои имлоӣ, грамматикӣ ва услубӣ дар баъзе ҷумлаҳо ба мушоҳида мерасанд, ки ислоҳи онҳо дар оянда ба манфиати кор аст *(ниг ба саҳифаҳои 3,4,13, 22, 24, 27, 28, 39 - автореферат, ва саҳифаҳои 21, 22, 23, 94, 101, 148-150 - диссертатсия);*

6. Дар муқаддимаи диссертатсия ва автореферат зарур аст, ки оид ба хусусиятҳои забонии асари «Дар орзуи падар»-и Қароматулло Мирзо маълумоти мухтасар оварда шавад.

Дар маҷмуъ камбудиҳои ишорашуда ба аҳаммияти таҳқиқоти анҷомдодашуда таъсири манфӣ нахоҳад расонд, зеро онҳоислоҳпазиранд ва ба осонӣ бартараф хоҳанд шуда, барои корҳои минбаъда тавсия дода мешаванд.

Фишурдаи диссертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯянд.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи **Бустонзода Тахмина Бустон** дар мавзуи **"Маънои коннотативӣ дар низоми маъношиносӣ (бар мабнои "Дар орзуи падар"-и Кароматулло Мирзо)"**, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон пешниҳод гардидааст, таҳқиқоти анҷомёфта, мустақилона ва арзишманди илмӣ буда, ба талаботи бандҳои 31, 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, №267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мебошад.

**Муқарризи расмӣ**:
н.и.ф., дотсенти кафедраи
забон ва фарҳанги факултети гуманитарию
педагогии Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ
ва соҳибкории Тоҷикистон Неъматова Бибиқанд Мабатхоновна
"29" июни соли 2026

**Нишонӣ:** 734055 Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, хиёбони Борбад 48/5.
Тел: (+992) 502075841
E-mail: bibijon07@mail.ru

Имзои Б.М. Неъматоваро тасдиқ мекунам:
Сардори раёсати кадрҳо ва
корҳои махсуси ДБССТ Ҷураев Шоҳрух Неъматович

"29" июни соли 2026